**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маънои истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст.**

Таркиби луғавии забон аз қабатҳои гуногуни вожаҳо иборат аст. Яке аз қабатҳои маъмули он истилоҳот мебошад. Истилоҳоти забони тоҷикӣ таърихи пешин дорад ва дар тӯли асрҳо зина ба зина ташаккул ёфта, як системаи муайян ва устувор пайдо кардаанд.

Иртиботи забон бо протсесси тафаккур ва олами руҳиву маънавиёти инсон маҳз дар бахши истилоҳот барҷаста эҳсос мегардад. Ин аст, ки истилоҳот тамоми паҳлуҳои фаъолияти ҷомеаро фаро гирифта, ба сифати як бахши мустақили лексика ҳамеша дар инкишоф аст.

Истилоҳот ифодагари номи ашё ё мафҳумҳои ин ё он соҳаи муайянанд ва дар сурати воҳидҳои махсуси луғавие зуҳур меёбанд, ки мустақиман дар доираи ҳамон соҳа амал мекунанд. Ба таври дигар, истилоҳот луғати махсуси ягон соҳаи илму техника, санъату фарҳанг ва амсоли инҳо мебошанд, ки бо хусусиятҳои илмӣ ва қонуну қоидаҳои маъруфи худ аз вожаҳои муқаррарӣ ҷудо шуда меистанд. Истилоҳоти дорусозӣ ҳам чун як бахши таркибии истилоҳоти соҳаи тиб буда, дар зиндагии рӯзмарра корбурди фаровон доранд.

Автореферати диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода О.И. ба яке аз мавзуъҳои хеле муҳимми илми забоншиносии умумӣ, ки то ҳанӯз аз ҷониби аҳли илм мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, бахшида шуда, дар он вижагиҳои, маъноӣ, сохторӣ, луғавӣ ва этимологии истилоҳоти яке аз бахшҳои пешрафтаи илми тибб-дорушиносӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Мавриди зикр аст, ки дар замони Истиқлол ба таҳияву нашр намудани фарҳангҳои тиббии соҳавии мухталиф диққати ҷиддӣ дода шуда бошад ҳам, вале ба хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва таҳлили муқоисавии масоили гуногуни истилоҳоти соҳавии бахшҳои тибб кам таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Аз ин рӯ, мавриди пажуҳиш қарор додани мавзуи мазкур таҳти унвони «Таҳлили сохторию маънои истилоҳоти

дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» аз тарафи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом саривақтӣ ва бозгӯйи талаботи марҳилаи кунунии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ буда, дар ташаккули забон ва истилоҳоти тиббии дорусозӣ аҳаммияти илмиву амалӣ дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз нигоҳи сохториву маъноӣ ва этимологӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Илова бар ин, дар раванди таҳлил шарҳу тавзеҳи баъзе истилоҳоти мураккаб ва душворфаҳми соҳа ва этимологияи истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ ба таври васеъ сурат гирифтааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои бадастомадаи рисола дар мукаммал намудани маълумоти назарӣ доир ба истилоҳ ва истилоҳшиносии соҳаи дорусозӣ, таърихи пайдоиши он, давраҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ ба пажуҳишгарони оянда кумак намуда, умед аст, ки ҳамчун заминаи назариявӣ ва илмӣ дар таҳқиқи мавзуъҳои мухталифи тиббӣ хидмат менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқи** мазкур дар он аст, ки маводи ҷамъоваришуда, истилоҳоти фаровони тахлилшуда, шарҳу тавзеҳ ва натиҷаҳои бадастомада дар таълими дарсҳои таърихи забон, забоншиносии муқоисавӣ, истилоҳ ва истилоҳшиносӣ ва таҳияи васоити таълимӣ, корҳои курсӣ, дипломӣ мусоидат менамояд.

**Дар муқаддимаи** автореферати диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, хулосаву рӯйихати интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мухтасар таъкид гардидааст.

**Боби якуми** рисола **«Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** ном дошта, дар он назарияҳои навини

истилоҳ ва истилоҳшиносии муосир, таърихи ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, замина ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

**Боби дуюми рисола «Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** унвон дошта, фарогири мавзуъҳои риояи меъёрҳои интихоби истилоҳсозии дорусозӣ, усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ, истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳоти дорусозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аст.

**Боби сеюми рисола**, ки **«Таҳлили маънoӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ»** ном дорад, фарогири мавзуъҳои муҳимми нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, нақши истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ, истилоҳоти дорусозии тоҷикӣ, лотинӣ, арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, англисӣ, олмонӣ ва русӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мебошад, ки муаллиф онҳоро мушикофона таҳлили ҳамаҷониба намудааст.

**Хулосаҳо** ва фикру андешаҳои муҳаққиқ ба тариқи маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо аз камбудиҳо низ орӣ нест, ки барои боз ҳам афзундани сатҳу сифати мазмуну мундариҷаи диссертатсия ислоҳи баъзе аз онҳоро зарур медонем:

1. Дар баъзе ҳолатҳо такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба услуби дигар ифода намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.
2. Дар автореферати диссертатсия дар навиштани баъзе калимаҳо меъёри қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ сарфи назар шудааст.
3. Дар фишурда ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ роҳ ёфтааст, ки ислоҳ намудани онҳо ҳатмӣ мебошад.

Албатта, камбудиву нуқсонҳое, ки қайд намудем, ба мазмун ва моҳияти пажуҳиш халал ворид намесозад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна

Суроғаи муқарриз шаҳри Кӯлоб кучаи Ҷ. Алӣ 246.
**Тел:** 992988436383

Имзои н.и.ф. Саидова Н.А.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК КМ – и ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов Мирали Абдусамадович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«04»-уми июни соли 2025